*Бо Қарори*
*Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*аз 2 ноябри соли 2007,*
*№546 тасдиқ шудааст*

«Меъёрҳои хироҷи консулӣ»

| № т\т | Номгӯи амалҳои консулӣ | Меъёри пардохт (бо доллари ШМА ё бо фоиз аз арзиши моликият) |
|---|---|---|
| 1.1. | Барои додан ва тамдиди мӯҳлати эътибори шиносномаҳои хориҷӣ | |
| а) | барои додани шиносномаи хориҷӣ | |
| | - дипломатӣ | 50 |
| | - хизматӣ | 40 |
| | - умумишаҳрвандии хориҷӣ | 20 |
| б) | барои тамдиди мӯҳлати эътибори шиносномаҳои хориҷӣ | |
| | - дипломатӣ (намояндагиҳои дипломатӣ танҳо бо мувофиқаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон) | 10 |
| | - хизматӣ (намояндагиҳои дипломатӣ танҳо бо мувофиқаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон) | 10 |
| | - умумишаҳрвандии хориҷӣ | 10 |
| в) | барои додани шиносномаи хориҷии дорои ҳомили иттилооти электронӣ (шиносномаи хориҷии биометрӣ) | |
| | - дипломатӣ | 125 |
| | - хизматӣ | 100 |
| | - умумишаҳрвандии хориҷӣ | 75 |
| | - барои кӯдакони то 16 сола | 25 |
| 1.2. | Барои ба шиносномаи хориҷии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани навиштаҷоти дорои хусусияти ҳуқуқӣ | 5 |
| 1.3. | Барои гузоштани қайд дар шиносномаи хориҷии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бораи сафари хизматӣ ба Ҷумҳурии Халқии Хитой (тибқи Созишномаи байнидавлатӣ) | 15 |
| 1.4. | Барои таҳияи ёддошти вербалӣ | 5 |

**Эзоҳ:** Барои сабти (хориҷ намудани) кӯдакони то 16-сола дар (аз) шиносномаҳои падару модарашон ё намояндагони қонуниашон, инчунин додани Шаҳодатномаи бозгашт ба Ҷумҳурии Тоҷикистон хироҷи консулӣ ситонида намешавад, агар тибқи Тарифҳои алоҳидаи намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа, ки аз ҷониби Вазири корҳои хориҷӣ ва Вазири

| | | |
|---|---|---|
| молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мешаванд, тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. | | |
| 1.5. | Барои тасдиқи даъвати шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд (аз ҳар як нафар) | 5 |
| 1.6. | Барои баррасии дархости таҳияи раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1 |
| 1.7. | Барои додани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд: | |
| | - ба мӯҳлати то 3 рӯз | 15 |
| | - ба мӯҳлати то 7 рӯз | 30 |
| | - ба мӯҳлати то 14 рӯз | 40 |
| | - ба мӯҳлати то як моҳ | 50 |
| | - ба мӯҳлати то 45 рӯз | 60 |
| | - ба мӯҳлати то ду моҳ | 65 |
| | - ба мӯҳлати то се моҳ | 70 |
| | - ба мӯҳлати то чор моҳ | 80 |
| | - ба мӯҳлати то панҷ моҳ | 90 |
| | - ба мӯҳлати то шаш моҳ | 100 |
| | - ба мӯҳлати то ҳафт моҳ | 120 |
| | - ба мӯҳлати то ҳашт моҳ | 140 |
| | - ба мӯҳлати то нӯҳ моҳ | 160 |
| | - ба мӯҳлати то даҳ моҳ | 180 |
| | - ба мӯҳлати то ёздаҳ моҳ | 200 |
| | - ба мӯҳлати то як сол | 220 |
| | - ба мӯҳлати то ду сол | 350 |
| | - ба мӯҳлати то се сол | 450 |
| | - барқарор кардани раводид | 20 |
| 1.8. | Барои додани раводидҳои хуруҷӣ: | |
| | - ба мӯҳлати то 3 рӯз | 10 |
| | - ба мӯҳлати то 7 рӯз | 15 |
| | - ба мӯҳлати то 14 рӯз | 20 |
| 1.9. | Барои додани раводидҳои убурӣ: | |
| | - ба мӯҳлати то 72 соат | 15 |
| 1.10. | Барои додани раводидҳои навъи “туристӣ”: | |
| | - барои додани раводиди навъи “туристӣ” дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз ҷониби намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа, новобаста ба мӯҳлат ва каратнокӣ, вале на зиёда аз 45 рӯз ва дукарата<br>*Хироҷи консулӣ барои ин навъи раводид бо Тарифҳои алоҳидаи намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар хориҷа дигаргун карда намешавад | 25 |
| | - барои додани раводиди гурӯҳии туристӣ (беш аз панҷ нафар)<br>* Тартиби муайян намудани гурӯҳро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;<br>** арзоншавии нархи ин навъи раводид аз | 50% арзонтар |

| | | |
|---|---|---|
| | меъёри хироҷи консулии 25 доллари ШМА барои ҳар як нафар, яъне 12,5 доллар барои ҳар як нафар ҳисоб карда мешавад | |

**Эзоҳ**:
- барои додани раводид ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванди ноболиғи то 16-сола хироҷи консулӣ ба малағи 10 доллари ШМА, новобаста ба мӯҳлат ва каратнокии раводид ситонида мешавад;
- барои гузоштани каратнокии иловагӣ ба раводид хироҷи консулӣ ба 10 доллари ШМА зиёд мегардад;
- барои додани раводиди бисёркарата хироҷи консулӣ ба миқдори 40 доллари ШМА зиёд мегардад;
- дар ҳолати кам кардани мӯҳлати будубоши шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба додани раводид, раводиди хуруҷиро метавонад бе ситонидани хироҷи консулӣ диҳад.

| | | |
|---|---|---|
| 1.11. | Барои додани раводидҳо ба мӯҳлати то як сол ба категорияҳои зерини шаҳрвандони хориҷӣ, агар тибқи принсипи тарафайн ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, хироҷи консулӣ дар ҳаҷми зерин ситонида мешавад: | |
| | - аз донишҷӯёне, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд, аспирантон ва докторантон | 50 |
| | - аз дигар шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки бо муассисаҳои таълимӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ доранд | 60 |
| 1.12. | Барои қонунигардонии ҳуҷҷатҳо: | |
| | - аз шахсони ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ | 20 |
| | - аз шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10 |
| | - аз шаҳрвандони хориҷӣ | 10 |
| | - аз шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5 |
| 1.14. | Барои талаб карда гирифтани ҳуҷҷатҳо (аз ҷониби намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ситонида мешавад): | |
| | - барои ҳар як ҳуҷҷат | 15 |

**Эзоҳ**: Дар ҳолати пайдо накардани ҳуҷҷати дархостшуда ё маълумот дар бораи он, пардохт ба муроҷиаткунанда баргардонида намешавад.

| | | |
|---|---|---|
| 1.15. | Барои иҷрои амалҳои нотариалӣ (аз ҷониби намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ситонида мешавад): | |
| | - тасдиқи шартнома | 20 |
| | - тасдиқи васиятнома | 20 |
| | - тасдиқи ваколатнома | 20 |

| | | |
|---|---|---|
| | - дидани тадбирҳо баҳри муҳофизати моликияти меросӣ | 1% аз арзиши моликият вале на камтар аз 20 доллари ШМА |
| | - додани шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқи моликият ба ҳиссаи амволи умумии зану шавҳар | 15 |
| | - додани шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқ ба мерос | 20 |
| | - тасдиқ намудани дурустии нусхаи ҳуҷҷатҳо ва иқтибос аз онҳо (барои ҳар як саҳифа): | |
| | а) аз шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5 |
| | б) аз шаҳрвандони хориҷӣ | 10 |
| | - тасдиқи аслӣ будани имзо дар ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла имзои тарҷумон (барои ҳар як имзо) | 10 |
| | - тасдиқ намудани дурустии тарҷума аз як забон ба забони дигар (барои ҳар як саҳифа), агар корманди муассисаи консулӣ донандаи он забон бошад | 5 |
| | - тасдиқ намудани ҳақиқати дар қайди ҳаёт будани шаҳрванд | 5 |
| | - тасдиқ намудани ҳақиқати дар макони муайян будани шаҳрванд | 5 |
| | - тасдиқ намудани айнияти шаҳрванд бо шахсе, ки дар сурат тасвир ёфтааст | 5 |
| | - тасдиқ намудани вақти пешниҳод намудани ҳуҷҷат | 5 |
| | - ба депозит қабул намудани маблағҳои пулӣ ва қоғазҳои қимматнок | 0,2 % аз маблағи умумӣ, ҳар моҳ |
| | - ба иҷро расонидани сабтҳои иҷроия | 10 |
| | - ба ҳифозат қабул намудани ҳуҷҷатҳо | 10<br>Ҳар моҳ |
| | - таъмин намудани далелҳо | 20 |
| | - содир намудани эътирози баҳрӣ | 20 |
| 1.16. | Амалҳои консулӣ нисбат ба воситаҳои нақлиёти заминӣ, баҳрӣ, ҳавопаймои гражданӣ ва ҳарбӣ ва мусофиркашии Ҷумҳурии Тоҷикистон бепул ба иҷро расонида мешаванд, ба истисноӣ амалҳое, ки дар бандҳои зерин нишон дода шудаанд: | |
| | - додани шаҳодатномаи муваққатӣ оид ба ҳуқуқи шино намудан зери парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ҳуқуқ барои киштӣ (танҳо пас аз иҷозат додани Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон) | 100 |
| | - тамдиди мӯҳлати эътибори ҳуҷҷатҳо ва таҳияи китобҳои дахлдори киштӣ (танҳо пас аз иҷозат додани Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон) | 50 |
| | - тасдиқ намудани шаҳодатномаи санитарӣ | 50 |

| | | |
|---|---|---|
| | (танҳо пас аз иҷозат додани Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон) | |
| | - додани шаҳодатнома дар бораи бор кардан ва фаровардани бори киштие, ки зери парчами давлати хориҷӣ шино мекунад, тасдиқи дигар маълумотномаҳо ва эъломияҳо (танҳо бо иҷозати Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон) | 50 |
| 1.17. | Барои таҳияи шиносномаҳо, илтимосномаҳо, ҳуҷҷатҳо оид ба масъалаҳои шаҳрвандӣ (аз ҷониби намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ситонида мешавад): | |
| | - барои додани шиносномаи умумишаҳрвандии хориҷӣ | 50 |
| | - барои додани шиносномаи умумишаҳрвандии хориҷӣ тариқи дархост аз Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 70 |
| | - барои додани шиносномаи умумишаҳрвандии хориҷии дорои барандаи маълумоти электронӣ (шиносномаи биометрӣ) тариқи ҷамъ кардани иттилооти биометрӣ ва дархост намудан аз Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100 |
| | - дар қайди консулӣ гузоштани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар хориҷа барои истиқомати доимӣ ва муваққатии давомдор (зиёда аз се моҳ) қарор доранд | Бепул |
| | - барои ба расмият даровардани илтимоснома ҷиҳати баромадан аз шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 50 |
| | - барои ба расмият даровардани илтимоснома ҷиҳати қабул намудан ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 50 |
| | - барои ба расмият даровардани маълумотнома ҷиҳати барқарор намудани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 20 |

**Эзоҳ**: Дар ҳолати қонеъ накардани дархост хироҷ ба муроҷиаткунанда баргардонида намешавад.

| | | |
|---|---|---|
| 1.18. | Барои ба иҷро расонидани амалҳои вобаста ба асноди ҳолати шаҳрвандӣ (аз ҷониби намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ситонида мешавад): | |
| | - барои баррасии ариза ҷиҳати бақайдгирии ақди никоҳ | 5 |
| | - барои ба қайд гирифтани ақди никоҳ ва додани шаҳодатнома дар ин хусус | 20 |

| | | |
|---|---|---|
| | - барои ба қайд гирифтани бекор кардани ақди никоҳ ва додани шаҳодатнома дар ин хусус: | |
| | а) дар асоси розигии тарафайн, набудани фарзандони ноболиғ ва баҳси молу мулкӣ | 30 |
| | б) дар асоси ҳалномаи Суд | 20 |
| | - барои ба қайд гирифтани ақди никоҳ ва бекор намудани он бо шахсоне, ки мувофиқи тартиби муқарраршуда беному нишон гумшуда ё аз сабаби бемории руҳӣ, камақлӣ номукаллаф эътироф шудаанд, ё ин ки бо шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноят ба мӯҳлати на камтар аз се сол маҳкум карда шудаанд | 20 |
| | - барои ба қайд гирифтани таваллуди кӯдак ва додани шаҳодатнома дар бораи таваллуд | 15 |
| | - барои додани гувоҳнома вобаста ба ворид намудани тағйирот, илова ва ислоҳ ба асноди ҳолати шаҳрвандӣ ё барқарор намудани он (агар сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар ҳамон намояндагии дипломатӣ ё муассисаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ба қайд гирифта шуда бошад, ки амали консулиро ба иҷро расонида истодааст) | 15 |
| | - барои таҳия намудани аснод оид ба тағйир додани насаб, ном ва номи падар, ғайр аз ҳолатҳои вобаста ба бастани ақди никоҳ, инчунин барои ба қайд гирифтани тағйири мансубияти миллӣ (тағйиротро Раёсати сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иҷро мерасонад) | 15 |
| | - барои такроран додани шаҳодатномаҳо дар бораи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар асоси маводи бойгонӣ | 15 |
| | - муқаррар намудани падарӣ, фарзандхондӣ ва додани шаҳодатнома дар ин хусус | 20 |
| 1.19. | Барои додани маълумотномаҳои мухталифи дорои аҳамияти ҳуқуқӣ ва итилоотӣ, ки дар бандҳои 1.1.-1.18. нишон дода нашудаанд (аз ҷониби намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ситонида мешавад) | 10 |

**Эзоҳ**:

Барои бо хоҳиши шахсони манфиатдор иҷро намудани амалҳои консулӣ, ки дар Замимаи мазкур нишон дода нашудаанд, дар сурате, ки чунин амалҳо ба бандҳои муайян аз рӯи шабоҳат мансуб нестанд, хироҷи консулӣ бо маслиҳати тарафҳо, вобаста ба вақти сарфшуда ситонида мешавад.

Шахсони бешаҳрвандӣ дар мавриди ситонидани хироҷҳои консулӣ ба шахсони воқеии хориҷии кишвари зисти доимиашон баробар карда

мешаванд.

Барои хизматрасонии консулӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон – маъюбони гурӯҳҳои I ва II хироҷи консулӣ дар ҳаҷми 50% аз арзишашон ситонида мешаванд.

Дар мавридҳои махсус ба роҳбарони намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ҳуқуқ дода мешавад, ки маблағи хироҷи консулиро кам намоянд ва ё онро аз шахсони алоҳида, дар асоси аризаашон (агар сабабҳои дар ариза нишондодашуда асоснок бошанд) тамоман наситонанд. Дар айни ҳол, дар ҳуҷҷатҳои дахлдор (феҳристҳо ва дафтарҳои баҳисобгирӣ) ба қайд гирифта мешавад.

Агар меъёрҳои хироҷи консулие, ки аз тарафи муассисаи консулии давлати хориҷӣ аз шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешаванд, аз меъёрҳои пешбинишудаи ҳамин Замима кам ё зиёд бошад ё тамоман ситонида нашавад, пас дар асоси принсипи баробарӣ ва бо назардошти манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои хироҷи консулӣ нисбати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ин кишвар метавонад мутаносибан кам ва зиёд ва ё тамоман бекор карда шаванд. Ин амал бо фармоиши Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровarда мешавад.

Намояндагиҳои диполматӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа, дар мувофиқа бо Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд меъёрҳои хироҷи консулиро бо назардошти сатҳи умумии зиндагонӣ ва нархҳои ҷории бозори хизматрасонии давлатҳое, ки дар он будубош доранд, тасҳеҳ намоянд, ки дар шакли меъёрҳои хироҷи консулии алоҳида, ки дар қаламрави ин ё он давлат амал менамоянд, ба расмият даровarда мешавад.

Хироҷҳо барои ҳама намуди амалҳои консулӣ мувофиқи меъёрҳои нишондодашуда ситонида мешавад, агар тартиби дигаре мувофиқи принсипи тарафайн ва шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бар наояд.

Барои ба иҷро расонидани амалҳои консулӣ, намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва шӯъбаҳои консулии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фурудгоҳҳо метавонанд хироҷи консулиро дар шакли нақд, бо ҳама намуди асъори қобили табодули озод мутобиқи меъёрҳои бо Замимаҳои мазкур ва Тарифҳои алоҳидаи консулии намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулӣ дар хориҷа муқарагардида ситонанд.

Маблағи хироҷи дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтшаванда бо доллари ШМА ҳисоб карда шуда, бо асъори миллӣ дар асоси қурби расмии Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи супоридни маблағ, ситонида мешавад.

Барои иҷрои фаврии амалҳои консулӣ дар муддати 1-3 рӯзи корӣ меъёри хироҷ 100 фоиз зиёд мешавад.